## МАСЛИҲАТИ МУФИД БА ПАСАНДОЗДОРОН

- Боварӣ ҳосил намоед, ки ташкилоти қарзӣ, ки дар он Шумо мехоҳед маблағҳои худро гузоред (суратҳисоби пасандозӣ ё амонатӣ кушоед), узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо мебошад (феҳристи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар сомонаи Хазина оварда шудааст).
- Боддиқат ва дуруст ворид намудани маълумот оид ба ному насаб, санаи таваллуд, мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупоранда, суроғаи зист ва рақами телефони худро дар шартномаи пасандозӣ санҷида бароед.
- Ҳангоми ивази маълумоти шахсӣ ташкилоти қарзиро хабардор кунед, то ин ки Шуморо оид ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ саривақт хабардор намоянд.
- Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кушодани суратҳисоби амонату пасандози бонкӣ ва воридкунии маблағ ба онро нигоҳ доред (шартномаи пасандози бонкӣ, расиди хазинавӣ, чекҳо, иқтибосҳо), то ин ки ҳангоми гирифтани ҷубронпулӣ ихтилофот ба миён наояд.
- Ба бонк-агент барои гирифтани ҷубронпулии суғурта дар вақти ба Шумо муносиб то ба анҷом расидани раванди пардохти ҷубронпулӣ дар давоми як сол муроҷиат намоед. Агар имконпазир бошад, дар рӯзҳои аввали пардохти ҷубронпулии суғурта барои гирифтани маблағи худ шитоб накунед - шояд дар бонк-агент навбати зиёд ҷой дошта бошад.




## ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА

Дар бораи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ аз сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина маълумот гиред.

Аз сомонаи Хазина ё аз васоити ахбори омма дар бораи тариқи кадом бонк-агент ҷубронпулии суғурта пардохт мегардад, хабардор шавед

**Пардохти ҷубронпулӣ НА ДЕРТАР АЗ 14 РӮЗ пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад.**

Бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба бонк-агент муроҷиат намоед ва ҷубронпулии суғуртаро гиред.

Муҳтарам пасандоздорон!
Барои гирифтани маълумоти муфассал аз сомонаи Хазина истифода баред.
www.dif.tj

## ТАМОС БО МО:


+(992) 44 600-66-00
+(992) 44 600-32-45

info@dif.tj

www.dif.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Маяковский 77/2


## НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО



# ДАСТУР БА ПАСАНДОЗДОРОН

**КАФОЛАТИ ҶУБРОНИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО!**

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

## НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО ЧИСТ?

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо - ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.

Асосҳои фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" танзим карда мешавад.

Бо мақсади таъмини самаранокии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) фаъолият менамояд. Хазина тибқи қонун маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои пасандоздоронро суғурта мекунад, ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон пардохт менамояд, феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро пеш мебарад, баҳисобгирии ва ҷамъоварии пардохтҳоро аз ташкилотҳои қарзи ва дигар вазифаҳоро, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои Хазина заруранд, амалӣ менамояд.

## МАҚСАДҲОИ ХАЗИНА ИНҲОЯНД:

- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта;
- таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.



## АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ КИҲО СУҒУРТА КАРДА МЕШАВАНД?

Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ гузоштаи пасандоздорон – шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷониби Хазина суғурта карда мешаванд. Суғуртаи амонату пасандозҳо барои пасандоздорон пурра ройгон мебошад.

## ҶУБРОНИ ПУЛИ СУҒУРТА БА ПАСАНДОЗДОРОН

Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздор маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташударо ҷуброн менамояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда барои як пасандоздор дар як ташкилоти қарзӣ на бештар аз **35 000 (сию панҷ ҳазор) сомонӣ** мебошад.

## ҲОЛАТИ СУҒУРТАВӢ ЧИСТ?

Ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пулӣ суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

## ҶУБРОНИ ФОИЗИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

Фоизҳои амонату пасандозҳо ҷуброн карда мешаванд агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳои амонату пасандоз пешбинӣ шуда бошад. Дар ин сурат ҷубронпулӣ аз рӯи маблағи бақияи воқеии суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад.

## ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА

Пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо на дертар аз 14 рӯз пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад. Пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути бонк-агент дар асоси аризаи пасандоздор, дар шакли нақдӣ ва/ё ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар дигар ташкилоти қарзӣ анҷом дода мешавад.



## ЭЪЛОНИ ХАЗИНА ОИД БА ОҒОЗИ ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА

Пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой, вақт ва тартиби қабули дархостҳо барои пардохти ҷубронпулӣ дар воситаҳои ахбори омма эълон интишор менамояд. Эълон ҳамзамон дар даромадгоҳи бинои бонк-агент ва ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, инчунин дар сомонаи расмии Хазина (www. dif.tj ) ҷойгир карда мешавад.

## ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРӢ БАРОИ ГИРИФТАНИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА

- Ариза оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта дар шакли муқарраршуда (ба пасандоздорон дар бонк-агент пешниҳод мегардад);
- Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти аризадиҳанда (пасандоздор ё намояндаи ӯ);
- Шартномаи пасандози бонкӣ ё суратҳисоби бонкӣ;
- Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба гирифтани ҷубронпулии суғурта (ваколатнома, қарори суд, шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ва ғайра, агар аз номи пасандоздор намояндаи қонунӣ муроҷиат намояд.

## 04 Афзалияти умумӣ барои ҳама

- Ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон
- Баланд гардидани эътимод ба низоми бонкӣ
- Мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ
- Ҳавасмандӣ барои нигоҳ доштани маблағҳо дар низоми бонкӣ



### ТАМОС БО МО:


+(992) 44 600-66-00
+(992) 44 600-32-45

info@dif.tj

www.dif.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Маяковский 77/2


Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# МОҲИЯТИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО



## 01 Ҷавонон (18–30 сола)

◆ **Оғози бехатар**

Метавонед бе ташвиш ва бидуни хавфи аз даст додани маблағ суратҳисоби аввалини амонату пасандози бонкии худро кушоед.

◆ **Ташаккули одати пасандозкунӣ**

Дарки он ки амонату пасандозҳо дар ташкилоти қарзӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) ҳифз карда мешаванд, бештар барои пасандоз-кунии маблағ ва камтар барои дар шакли нақдӣ нигоҳ доштани он ҳавасманд мекунад.

◆ **Ҳимояи суғуртавии музди маош ва стипендия**

Маблағҳо дар суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ суғурта шудаанд.

◆ **Эътимоди молиявӣ**

Дилпурӣ ҳангоми интихоби ташкилоти қарзӣ.

## 02 Аҳолии калонсол (30–55 сол)

◆ **Ҳифзи пасандозҳои оилавӣ**

Маблағҳое, ки дар суратҳисобҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва/ё асъори хориҷӣ барои мақсадҳои оилавӣ (масалан, барои таҳсили кӯдакон, таъмири манзил, харидани мошин ё сафар) ҷойгир карда мешаванд, аз ҷониби Хазина дар доираи андозаи маблағи ҷубронӣ суғурта ҳифз карда мешаванд.

◆ **Кам шудани хавфҳо**

Барои пасандоздорон назорати доимии вазъи молиявии ташкилоти қарзӣ зарурат надорад, агар маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон дар доираи ҷубронпулии суғуртавӣ бошад.



◆ **Дастрасии зуд ба маблағҳои худ**

Ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ (муфлисшавии ташкилоти қарзии узви Хазина) ҷубронпулии суғурта аз ҷониби Хазина бидуни расмиёти дуру дароз пардохт карда мешавад.

◆ **Банақшагирии оянда**

Эътимод ба оянда ва устувории молиявии оила.

## 03 Шаҳрвандони солхӯрда (55+)

◆ **Ҳифзи пасандозҳои нафақавӣ**

Маблағҳои нафақа ва пасандозҳои шахсӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина таҳти ҳимояи Хазина қарор доранд.

◆ **Тартиби содда ва осонфаҳми пардохти ҷубронпулӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ**

**Ҳадди ақалли ҳуҷҷатҳо барои дархост, кумак тавассути бонк - агенти Хазина.**

◆ **Кам шудани ҳолати стрессӣ ва изтироб**

Кафолати баргардонидани маблағ дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта ҳангоми муфлисшавии ташкилоти карзӣ.

◆ **Эътимод ба низоми бонкӣ**

Имкони нигоҳдории бехатари маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкии амонату пасандозӣ бе тарси аз даст додани он.



## ПАРДОХТИ ФАВРӢ ВА ОСОНИ ҶУБРОНПУЛӢ

Дар сурати мавҷуд будани ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва набудани ҳолатҳои баҳснок, пардохти ҷубронпулӣ одатан дар рӯзи муроҷиат анҷом дода мешавад.

## ДОНИСТАН МУҲИМ АСТ

Ҷуброни суғуртавиро метавонед дар давоми як сол аз рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ гиред.

Шумо метавонед дар вақти барои худ муносиб муроҷиат намоед.



## ТАМОС БО МО:

+(992) 44 600-66-00
+(992) 44 600-32-45

info@dif.tj

www.dif.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Маяковский 77/2

**ХАЗИНА АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМОРО ҲИФЗ МЕНАМОЯД. АМНИЯТИ МОЛИЯВИИ ШУМО — МАСЪУЛИЯТИ МОСТ.**

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон



# ТАРТИБИ ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА




## ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО ҲИМОЯ КАРДА ШУДААНД

Ҳангоми бозхонди иҷозатнома ва фаро расидани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ-узви Хазина, Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон пардохти ҷубронпулиро аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда кафолат медиҳад.

Мо баҳри ҳифзи амонату пасандозҳои шумо фаъолият намуда, кафолат медиҳем, ки раванди пардохти ҷубронпулии шумо ҳаддалимкон содда, шаффоф ва кулай бошад.

## АНДОЗАИ МАБЛАҒИ ҶУБРОНПУЛӢ ЧИ ҚАДАР АСТ?

- Ба ҳар як пасандоздор пардохти ҷубронпулии суғурта ба андозаи то **35 000 сомонӣ** кафолат дода мешавад.
- Агар шумо дар як бонк якчанд суратҳисоб дошта бошед, он гоҳ онҳо ҷамъ карда мешаванд ва дар асоси андозаи умумии маблағи дар суратҳисобҳо мавҷудбуда, ҷубронпулӣ ба маблағи на зиёда аз андозаи муқарраршуда пардохт карда мешаванд.
- Маблағи зиёда аз андозаи кафолат додашудаи ҷубронпулии суғурта дар раванди барҳамдиҳии бонк тибқи қонунгузорӣ пардохт карда мешавад.

## ПАРДОХТИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА КАЙ ОҒОЗ МЕШАВАД?

Хазина пардохти ҷубронпулиро на дертар аз 14 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз менамояд.

Маълумот дар бораи оғози пардохтҳо дар ҷойҳои зерин нашр карда мешавад:

- дар воситаҳои ахбори омма;
- дар сомонаи расмии Хазина;
- дар бонк - агент;
- дар ташкилоти қарзии барҳамдодашуда – узви Хазина.

## ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА ЧӢ ТАВР ПАРДОХТ МЕШАВАД?

Тавассути бонк-агенти таъйиннамудаи Хазина:

- нақдӣ;
- ғайринақдӣ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор.

Пардохтҳо бо пули миллӣ - сомонӣ анҷом дода мешаванд.

Амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ тибқи қурби расмӣ дар рӯзи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.

## БАРОИ ГИРИФТАНИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА ЧӢ ЛОЗИМ АСТ?

Тартиб то ҳадди имкон содда мебошад. Зарур аст ба бонк – агенти Хазина муроҷиат намуда, ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кард:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда);
- шартномаи амонату пасандозӣ;
- ариза (дар бонк-агент пур карда мешавад).

Дар сурати муроҷиати дигар аризадиҳанда аз номи пасандоздор (намоянда ё вориси пасандоздор) — ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулӣ.



## РИСОЛАТИ МО

Ҳифзи пасандоздорон аз хавфи муфлисшавии бонкҳо ва фаъолият намудан мутобиқ ба стандартҳои баланди байналмилалӣ.

## АРЗИШҲОИ МО:

- Самти иҷтимоӣ
- Шаффофият
- Касбият
- Масъулияти молиявӣ

**Хазина — кафолати субот аст. Амонату пасандозҳои шумо таҳти ҳимояи боэътимод аст.**

## ТАМОС БО МО:


+(992) 44 600-66-00
+(992) 44 600-32-45

info@dif.tj

www.dif.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Маяковский 77/2


Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

# ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН – ҲИМОЯИ ДАВЛАТИИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО

Хазина соли 2004 бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон аз хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини фаъолияти низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо, таъсис дода шудааст.

Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" фаъолият менамояд.

## ҲАДАФИ АСОСИИ МО

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳангоми муфлис эътироф гардидани ташкилоти қарзии узви хазина, Хазина пардохти ҷубронпулии суғуртавиро тибқи андозаи муқаррар намудаи Қонун кафолат медиҳад

## НИЗОМ ЧӢ ГУНА АМАЛ МЕКУНАД?

Хазина фаъолияти Низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро таъмин менамояд.

Иштирокчиёни низом бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд — узви Хазина мебошанд. Ҳар як ташкилоти қарзӣ ба феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дохил шуда, тасдиқномаи узвият дар Хазинаро дорад.

Ин он маъноро дорад, ки **маблағҳои шумо дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина таҳти ҳимояи суғуртавии Хазина қарор доранд.**

## КАДОМ ПАСАНДОЗДОРОН СУҒУРТА КАРДА МЕШАВАНД?

Фарогирии суғуртавии Хазина ҳатмӣ буда, маблағи амонату пасандозҳои пасандоздорони зерин ба объекти ҳатмии суғурта дохил мешаванд:

- Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ;
- Шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд;
- Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

Барои пасандозгузорон суғурта пурра ройгон мебошад — бастани ягон шартномаи иловагӣ талаб карда намешавад.

## ЧӢ СУҒУРТА КАРДА МЕШАВАД?

Фарогирии суғуртавӣ ба маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкии зерин гузоштаи пасандоздорон паҳн мегардад:

- суратҳисобҳои дархостшаванда;
- суратҳисобҳои пасандозӣ;
- суратҳисобҳои мӯҳлатнок;
- суратҳисобҳои кортҳои бонкӣ.

Суғурта ба амонату пасандозҳои ҳам бо пули миллӣ ва ҳам асъори хориҷӣ гузоштаи пасандоздорон, татбиқ мегардад.

## АНДОЗАИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТАВӢ

Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда на зиёда аз **35 000 сомонӣ** ба ҳар як пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ мебошад.

Агар маблағи пасандоз аз андозаи муқарраршудаи ҷубронпулӣ зиёд бошад, он гоҳ фарқияти он дар ҷараёни барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ пардохт карда мешавад.

## МУҲИММИЯТИ СУҒУРТАИ АМОНАТҲО ДАР ЧИСТ?

**Таҳкими боварӣ ба низоми бонкӣ**

Шаҳрвандон аз бехатар будани нигоҳдории амонату пасандозҳо дар суратҳисобҳои бонкӣ дилпурӣ пайдо мекунанд.

**Хавфи ваҳми бонкиро кам мекунад**

Кафолати пардохти ҷубронпулӣ эҳтимоли бозпасгирии оммавии амонату пасандозҳоро кам мекунад.

**Ба рушди иқтисод мусоидат мекунад.**

Вақте ки шаҳрвандон ба бонкҳо эътимод доранд, ҳаҷми амонату пасандозҳо зиёд шуда, имкониятҳои маблағгузории соҳаҳои мухталифи тиҷорат ва иқтисодиёт васеъ мегарданд.

